# ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ СУХАНРОНИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

31-уми августи соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ тамошои дастаҷамъонаи суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ баргузор гардид. Кормандони Пажӯҳишгоҳ суханронии Пешвои миллатро, ки дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-уми шаҳри Душанбе баргузор гардид, бо таваҷҷуҳи хос дастаҷамъона тамошо намуданд. Дар суханронии худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили мазмуну муҳтавои таълиму тарбия, рушди илм ва таҳқиқоти илмӣ, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Таъкид гардид, ки маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар пешрафти ҷомеа ва рушди устувори кишвар нақши калидӣ дошта, таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, такмили барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи насли наврас аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар суханронӣ ба масъалаҳои таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандии ҷавонону наврасон таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Зикр шуд, ки маҳз сулҳу ваҳдат ва фазои орому осоиштаи кишвар барои рушди илму маориф ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаи устувор фароҳам меорад. Кормандони Пажӯҳишгоҳ муҳтавои суханронии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо масъулияти баланд қабул намуда, таъкид карданд, ки дастуру супоришҳо ва ҳадафҳои муайянгардида дар назди кормандони соҳаи маориф вазифаҳои муҳим ва масъулиятнок мегузоранд. Дар идомаи чорабинӣ оид ба муҳтавои суханронӣ, самтҳои афзалиятноки рушди соҳаи маориф ва вазифаҳои минбаъдаи Пажӯҳишгоҳ мубодилаи афкор сурат гирифт. Қайд гардид, ки кормандони Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ дар доираи фаъолияти касбии худ бояд ҷиҳати таҳқиқи масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф, таҳияи пешниҳоди илмӣ-методӣ, такмили барномаҳо ва маводи таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мусоидат ба рушди низоми маорифи кишвар пайваста талош намоянд. Дар фарҷоми тамошои дастаҷамъона таъкид гардид, ки Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ минбаъд низ фаъолияти илмӣ, таҳқиқотӣ ва методии худро дар самти рушди соҳаи маориф тақвият бахшида, барои татбиқи ҳадафҳои созандаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузорад. Ҳайати кормандони Пажӯҳишгоҳ омодагии худро барои идомаи

фаъолияти пурсамар дар самти таҳияи барномаҳои таълимӣ, такмили мазмуну муҳтавои таҳсилот, омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои мубрами соҳаи маориф, мусоидат ба рушди касбии омӯзгорон ва омода намудани кадрҳои баландихтисос иброз намуданд. Чорабинии мазкур дар Пажӯҳишгоҳ дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ баргузор гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии кормандон дар самти рушди илму маориф ва таҳкими дастовардҳои даврони Истиқлоли давлатӣ заминаи мусоид фароҳам овард.











